# ХУЛОСА

## оид ба натиҷаи аудити мутобиқат ва молиявӣ дар Муассисаи давлатии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1. Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1, 7 ва 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон”, моддаи 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва нақшаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб барои соли 2026 дар Муассисаи давлатии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз моҳи сентябри соли 2024 то моҳи марти соли 2026 омода гардидааст.

1.1. Муассисаи давлатии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ” (минбаъд Муассиса) бори аввал бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсиси муассисаи давлатии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ”, ки 28 апрели соли 2017, №224 тасдиқ гардидааст, таъсис дода шуда, ба Номгӯи муассисаҳо ва ташкилотҳои системаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ гардидааст, шомил гардидааст.

1.1.01. Муассиси Муассиса Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Муассис) мебошад.

1.1.02. Оинномаи Муассиса бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2023, №19 тасдиқ шудааст.

1.1.03. Муассиса сармуассисаи миллии ҷумҳуриявӣ дар самти хадамоти озмоишгоҳӣ буда, фаъолияти тамоми озмоишгоҳҳои ҷумҳуриро новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон ҳамоҳанг ва назорат менамояд.

1.1.04. Муҳимтарин вазифаҳои Муассиса иборат аст аз:

- дар доираи салоҳияти худ роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои рушди хадамоти озмоишгоҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод намудан ба Муассис дастурҳои хадамоти озмоишгоҳӣ;
- расонидани кӯмаки машваратӣ ба табибони шӯъбаҳои табобатӣ дар интихоб намудани тестҳои озмоишӣ-ташхисии иттилоотнок ва шарҳи натиҷаи ташхисҳои озмоишии беморон;
- тибқи қонунгузорӣ ташкил ва гузаронидани дарсҳои омӯзишӣ ба кормандони озмоишгоҳҳои соҳаи тандурустӣ дар самти татбиқ кардани системаи идоракунии сифат ва таҷрибаомӯзӣ барои такмили донишу малакаи касбии мутахассисони соҳавӣ тавассути шартномаи байни идоравӣ ва додани гувоҳнома;
- таъмин намудани кормандони тиббӣ Муассиса, ки ба ҷамъоварии маводҳои биологӣ машғуланд, бо дастур оид ба қоидаҳои гирифтан, нигоҳдошт ва интиқоли маводи биологӣ, ҷиҳати таъмини мӯътадилии намунаҳо ва боэътимодии натиҷаи ташхисҳо;
- мусоидат барои баланд ва мустаҳкам намудани эътибори Муассиса ва эътирофи ҷамиятӣ дар ҷомеаи тиббӣ;

- баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи касбии кормандони Муассиса;

- гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи меҳнати ҳайати кормандон, риояи бехатарии техникӣ, қоидаҳои санитарӣ эпидемиологӣ ва бехатарии клиникӣ (сироятӣ);

- гузаронидани усулҳои озмоишӣ оид ба муайян намудани намудҳои сирояти энтеровирусӣ;

- ба роҳ мондани хизматрасониҳо вобаста ба гузаронидани тадқиқотҳои умумиклиникӣ, гематологӣ, биокимёвӣ, иммунологӣ, бактериологӣ, вирусологӣ, ситологӣ, ташхисҳои фаросавтӣ ва дигар ташхисҳои озмоишгоҳӣ;

- гузаронидани тадқиқоти озмоишгоҳии экспертӣ ва арбитражӣ, санҷишу тасдиқи натиҷаҳои тадқиқоти озмоишгоҳӣ дар ҳолатҳои баҳснок;

- ҳангоми дарёфт намудани вирусҳои фалаҷ (полиомиелит) барои тасдиқ намунаҳоро ба Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон” инчунин дигар давлатҳо метавонад ирсол намояд;

- таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки сифати кори табибон ва кормандони миёнаи тибби озмоишгоҳиро муайян месозад;

- таҳия намудани усул ва механизмҳои мониторинг ва баҳодиҳии фаъолияти озмоишгоҳҳо новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ дар ҷумҳурӣ;

- амалӣ намудани баҳодиҳии берунаи сифати хизматрасониҳои (тадқиқотҳои) озмоишгоҳҳои соҳаи тандурустӣ;

- омӯзиш, таҳлил ва манзур намудани пешниҳод оид ба талаботи соҳаи озмоишгоҳӣ;

- омӯзиши эҳтиёҷот ба маводҳои масрафшавандаи озмоишгоҳҳо;

- анҷом додани чорабиниҳо (конфронсҳои илмию амалӣ, семинарҳо, ба даврҳои тахассусии такмили ихтисос равона кардани алоқамандон) ҷиҳати баланд бардоштани малакаи касбии табибон ва кормандони миёнаи тибби Озмоишгоҳ;

- амалӣ намудани вазифаҳои ихтиёрдории асосии давлатии барномаҳо ва лоиҳаҳои мақсадноки илмию техникӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаи озмоишгоҳӣ;

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои тадқиқотҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи Муассис дар амал ҷорӣ намудани натиҷаҳои мазкур;

- омӯхтан ва ҷамъбаст кардани комёбиҳои илмӣ дар соҳаи марбут ба фаъолияти Муассиса ва мусоидат барои истифодаи онҳо;

- тайёр кардани кадрҳои ботаҷрибаи дорои дараҷаи баланди тахассусӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ;

- расонидани кӯмаки машваратӣ, ташкилию дастурӣ ва амалӣ ба муассисаҳои шифоию пешгирии ҷумҳурӣ.

2. Дар соли 2024 аз тарафи озмоишгоҳҳои муассиса ҳаммаги 149579 ташхисҳои озмоишгоҳи ба 34412 (аз он 2091 нафарашон ройгон) нафар ниёзмандон гузаронида шудааст.

2.1. Аз ҷумла аз тарафи озмоишгоҳи клиникӣ 37061 ташхис (гематология 19165, фазла 2342, пешоб 13096, нутфа 392, гуруҳи хун 2066), биокимиёвӣ 81464 ташхис, иммунологӣ 6272 ташхис, вирусологӣ 21221 ташхис (аз он 1841 Covid-19 РЗП (ПЦР)), бактериологӣ 3561 ташхис гузаронида шудааст.

2.1.01. Миқдори ташхисҳои гузаронида шудаи соли 2024 нисбати миқдори ташхисҳои гузаронидаи соли 2023 ба 9,35 фоиз (12789 ташхис зиёд) зиёд мебошад.

2.1.03. Дар соли 2025 бошад аз тарафи озмоишгоҳҳои Муассиса ҳамаги 143830 ташхисҳои озмоишгоҳи ба 32049 (аз он 1828 нафарашон ройгон) нафар ниёзмандон гузаронида шудааст. Аз ҷумла аз тарафи озмоишгоҳи клиникӣ 34679 ташхис, биокимиёвӣ 79818 ташхис, иммунологӣ (ИФА, ИХЛ) 6348 ташхис, вирусологӣ 20180 ташхис, бактериологӣ 2805 ташхис гузаронида шудааст.

2.1.04. Аз миқдори ташхисҳои гузаронида шудаи соли 2025 нисбати ба соли 2024 ба 3,8 % (5749 ташхис кам) кам мебошад.

2.1.05. Барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа аз тарафи Муассиса дар соли 2025 ба 1205 нафар маъюбон ба маблағи 74001 сомонӣ, 375 нафар шаҳрвандони камбизоат ба маблағи 24045 сомонӣ, 248 нафар дигар гуруҳи осебпазирӣ ҷомеа ба маблағи 25014 сомонӣ дар маҷмуъ 1828 нафар гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ба маблағи 123060 сомонӣ ба тариқи ройгон 7070 ташхисҳои озмоишгоҳӣ (Клиникӣ-2334, Биокимиёвӣ-1205, Вирусологӣ-3463, Иммунологӣ-61, Бактериологӣ-7 ) гузаронида шудааст.

3. Муайян гардид, ки Муассиса дар давраи дарбаргирии чорабинии аудиторӣ маблағҳои буҷетиро вобаста ба тартиби хароҷот дар ду смета, аз ҷумла сметаи хароҷотӣ барои Муассиса аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва сметаи хароҷотӣ барои маблағҳои махсус ба нақша гирифтааст.

3.1. Сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассиса аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва махсуси буҷетӣ аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

3.1.01. Бояд қайд кард, ки маблағгузории Муассиса дар асоси сметаи ягонаи даромад ва хароҷот аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсуси буҷетӣ ба воситаи Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3.1.02. Муайян карда шуд, ки масъулини Муассиса талаботҳои дастурамал оиди истифодаи гурӯҳбандии вазифавию иқтисодӣ ва зермоддаҳои таҳлилии гурӯҳбандии иқтисодии буҷет, ки дар низоми хазинадорӣ ҳангоми иҷрои буҷет истифода шаванда, ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26. 01 соли 2015, №173 бо назардошти тағйиру иловаҳо фармоишҳои Вазорати молия аз 09. 04 соли 2015, №204, 30. 12 соли 2021, №191, 21.01 соли 2022, №9, 09.02 соли 2022, №28 ва 11.03 соли 2022, №49-ро риоя накарда дар давраи чорабинии аудиторӣ аз ҳисоби ГИБ 2211 “Захираҳои моддию молӣ” маблағ барои хариди таҷҳизотҳои дарозмуддат равона карда шудааст. Масъулини Муассисаро мебоист, ки маблағи мазкуро аз ҳисоби ГИБ 2814 “Мошин ва таҷҳизот” равона мекард.

3.1.03. Муассиса дорои сметаи хароҷотии маблағҳои махсуси буҷетӣ буда, манбаи даромад ва хароҷоти маблағҳои воридшуда дар асоси Дастурамал “Оид ба ташаккул ва истифодабарии маблағҳои махсуси буҷетӣ” амалӣ карда мешавад.

3.1.04. Маблағҳои музднок воридшаванда дар асоси Дастурамал дар бораи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешавад.

3.1.05. Омӯзиш ва таҳлили асоснокии ташаккули маблағҳои махсуси Муассиса нишон дод, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ” аз 2 декабри соли 2008, №600 хизматрасониҳои тиббию санитарии пулакӣ, тағйиру иловаҳо ба тартиби қарори мазкур ва фармоиши ВТҲИАҶТ аз 5 ноябри соли 2014, №938-135 дар бораи “Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ” ворид мегардад.

4. Ҳисоб ва пардохти музди меҳнати кормандон Муассиса ҳамасола тариқи тартибдодани тарификатсиякунони таҳия шуда, аз ҷониби роҳбарияти Муассиса тасдиқ карда мешавад. Муайян карда шуд, ки дар Муассиса ҳисоби музди меҳнат дар асоси дастурамали пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи тандурусти таҳия гардида тариқи тарификатсиякунони ба роҳ монда шудааст.

4.1. Тибқи ҷадвали басти воҳидҳои кории Муассиса дар солҳои 2024-2026 80,0 басти корӣ тасдиқ карда шудааст, ки аз ин маъмурият 6,0 воҳиди корӣ, муҳосибот 5,5 воҳиди корӣ, табибон 26,5 воҳиди корӣ, кормандони миёнаи тиб 25,0 воҳиди корӣ, кормандони хурди тиб 7,0 воҳиди корӣ, дигар кормандон 3,0 воҳиди корӣ, кормандони қисми хоҷагӣ 7,0 сомониро ташкил медиҳад.

4.1.01. Таҳлил нишон дод, ки дар солҳои 2024-2026, тибқи ҷадвали басти воҳидҳои корӣ 80,0 воҳиди корӣ тасдиқгардидааст, музди меҳнати солона мутаносибан 1152651,66 сомонӣ, 1624873,60 сомонӣ ва 1965013,18 сомонӣ банақша гирифта шудааст.

Бо назардошти камбудию норасоиҳои молиявии дар чорабинии аудитории гузаронидашуда ва тибқи муқаррароти моддаҳои 7,27 ва 41-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба масъулини Муассисаи давлатии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- натиҷаи чорабинии аудитории Муассиса дар давраҳои аз 01 сентябри соли 2024 то 01 марти соли 2026 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳои тадбирҳо андешида шавад;

- минбаъд нақшаи маблағгузориҳои буҷетӣ дар сметаҳои хароҷотӣ аз рӯйи гурӯҳбандии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва дастурамалҳои истифодабарии онҳо, ки бо фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01 соли 2015, №173 ва 09. 04 соли 2015, №204 тасдиқ гардидааст, ба роҳ монанд;

- талаботи сархати 1 ва зербанди 5 қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои молиявӣ риоя карда шуда, фарқияти (сарфаи) маблағҳои дар натиҷаи гузаронидани тендер бавуҷудомада ба суратҳисоби махсуси хазинадорӣ интиқол дода шавад;

- муҳосибини Муассиса вазифадор карда шавад, ки дар ордерҳои мемориалӣ ҳамаи маълумотҳои лозима, аз ҷумла амалиётҳои муҳосибӣ аз рӯи дебет ва кредити ҳисоботҳои муҳосибӣ, гурӯҳбандиҳои иқтисодӣ пурра қайд намуда, баъдан дар китоби асосӣ ба қайд гирифта шуда тавозуни (Баланс) солонаи Муассисаро тартиб диҳанд;

- масъулини Муассиса вазифадор карда шавад, ки талаботи моддаи 63 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", моддаҳои 17 ва 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ"-ро риоя намуда дар муҳлати муқарраргардида ҳисоботи солонаи иҷрои буҷети давлатӣ ва молиявии Муассисаро тартиб дода, онро бо муҳр ва имзои шахсони масъул тасдиқ намоянд;

- муҳосибини Муассиса вазифадор карда шавад, ки талаботи банди 48-и "Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ", ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст, риоя намуда, дуруст ва таъмини назорат барои нигоҳдории воситаҳои асосӣ, ашё, амвол, ё ин ки таҷҳизот новобаста аз ҷойгиршавиашон бояд рақами инвентарӣ гузошта шавад;

- муҳосибини Муассиса вазифадор карда шавад, ки китоби гардиши молу маводи шакли ф№М-44 кушода, воситаҳои асосӣ, ашё, амвол, ё ин ки таҷҳизот Муассисаро пурра ба даромад гиранд;

- муҳосибини Муассиса вазифадор карда шавад, ки дар Муассиса китоб барои пардохти музди меҳнат кормандон кушода, ҳисоб ва пардохти музди меҳнати кормандонро пурра ба қайд гиранд;

- дар ҷамъбасти соли молиявӣ талаботҳои дастурамал дар бораи меъёрҳои ягонаи ҳисоб намудани истеҳлоки (хӯрдашавии) воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи воситаҳои асосие, ки ба гурӯҳҳои истеҳлокӣ дохилиро, ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12. 02 соли 2014, № 24 тасдиқ шудааст риоя карда шавад;

- минбаъд талаботҳои моддаи 54 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" пурра риоя карда шавад;

- оиди ба куллӣ беҳтар намудани ҳисоботҳои муҳосибӣ, ислоҳи камбудиҳо дар идоракунии молиявӣ ва пешбурди ҳисобдории муҳосибӣ ва таъмини хароҷоти мақсадноки маблағҳои пешбинишудаи буҷетӣ, тадбирҳои амалӣ андешад;

- роҳбарияти Муассиса сатҳи масъулияти шахсонеро, ки ба камбудиҳои молиявӣ роҳ додаанд муайян намуда, нисбати онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

- роҳбарияти Муассисаро зарур аст, ки сатҳи масъулияти шахсоне, ки ба камбудиҳои молиявӣ роҳ додаанд муайян намуда, нисбати онҳо чораҳои зарурӣ андешанди шуда ба Палатаи ҳисоб бо таври хатти пешниҳод карда шавад.

Сараудитори Палатаи ҳисоби
Ҷумҳурии Тоҷикистон                                        Мирзозода А.М.